**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа**

**Парвандаи аттестатсионии №______**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02.04.2026, № 9**

Барои сазовор донистани Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа.

Диссертатсияи “Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа санаи 13 ноябри соли 2025, суратмаҷлиси №4 дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд таъсис гардидааст, ба ҳимоя қабул карда шуд.

Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович 14.09.1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2007 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз руйи ихтисоси шарқшинос-филолог хатм намудааст. Соли 2007 корро дар Институти фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АМИТ ба ҳайси ходими хурди илмӣ шуруъ кардааст. Сулаймонов Б. ҳамон сол (2007) ба аспирантураи назди АМИТ дохил шуда, соли 2016 рисолаи номзадиашро дар мавзуи “Назарияи мантиқӣ-маърифатшиносии Абунасри Форобӣ” дифоъ кардааст.

Мавсуф солҳои 2010-2015 фаъолияти илмӣ-таълимиашро дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ идома дода, дар ин муассисаи таълимӣ дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ дар вазифаҳои ҷонишини директор ва сардори гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот кор карда, аз соли 2015 то соли 2018 дар Китобхонаи миллӣ фаъолияташро дар вазифаҳои мутахассиси пешбар, сармутахассис (Шуъбаи дастхатҳои Шарқ), муовини сардори маркази Тоҷикшиносӣ ва Сардори Қонуни забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷии муассисаи болозикр давом додааст. Сулаймонов Б.С. аз соли 2018 то соли 2025 дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолияташро давом дода, аз соли 2025 то кунун мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ҳамин донишгоҳ мебошад.

Мавзуи рисолаи доктории Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович “Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ” дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 26.11.2020, таҳти №4/3-6 тасдиқ гардида, санаи 03.06.2025, таҳти №11/1 муҳокима карда, барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 11 декабри соли 2025, таҳти рақами №7 барои ҳимояи рисолаи диссертатсионӣ қарори дахлдор қабул намудааст.

**Мушовири илмӣ: Сайфуллаев Нигматулло Мирзоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Аҳмадов Саид** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Зоҳидов Очилбой Ҳоҷибоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович**– доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ;

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз, д.и.ф., профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Султонзода Сӯқӣ Аслон имзо шудааст, қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 27 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Сулаймонов Б.С. Мантиқи Форобӣ – илми фалсафӣ-инструменталӣ // Паёми донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2020. – №1 (37). – С.176-182.
2. Сулаймонов Б.С. Нақши маърифати ҳиссӣ дар таълимоти Насируддини Тӯсӣ. // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии

давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №3 (47). – С.222-228. (ҳаммуаллифӣ Мирова Н.Р.)

3. Сулаймонов Б.С. Тақсимоти назарияи қиёс аз нигоҳи Абунасри Форобӣ // Паёми донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2020. – №3 (39). – С.155-161.

4. Сулаймонов Б.С. Таснифи қазияҳо аз дидгоҳи Муаллими сонӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №9. – С.225-231. (ҳаммуаллифӣ Кенҷаева Л.Э.)

5. Сулаймонов Б.С. Таҳлили қазияҳои муттасила ва мунфасила аз дидгоҳи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2022. – №4 (269). – С. 37-42.

6. Сулаймонов Б.С. Нигоҳе ба фалсафаи мусиқии Абунасри Форобӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №10. – С.80-86.

7. Сулаймонов Б.С. Вклад Насируддина Туси в науку и восточную цивилизацию // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 82-87.

8. Сулаймонов Б.С. Ҳамбастагиҳои забонӣ ва мантиқӣ аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ // Паёми донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2022. – №2 (46) – С.27-33.

9. Сулаймонов Б.С. Назарияи мафҳум аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (5). – С.62-68. (0,4.

10. Сулаймонов Б.С. Хусусияти маърифати илмӣ дар таълимоти маърифатии Абунасри Форобӣ // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №3. – С. 85-90.

11. Сулаймонов Б.С. Масъалаи муносибати эҳсосот бо ақл дар таълимоти маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тӯсӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №6. – С.109-115.

12. Сулаймонов Б.С. Усули хирадгароии шинохти олам аз нигоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тӯсӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ. – Душанбе, 2023. – №3. (27). – С.110-117. (0,4 ҷ.ч.). – ISSN 2664-5696.

13. Сулаймонов Б.С. Личность Абунасра Фараби и его наследие с точки зрения исследователей и историков Востока [Матн] / Б.С.

Сулаймонов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2023. – №1 (270). – С. 39-44.

14. Сулаймонов Б.С. Мубрамияти таърихии илми мантиқ ва аҳаммияти омӯзиши он дар замони муосир [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2023. – №3 (272). – С. 38-43.

15. Сулаймонов Б.С. Ҷойгоҳи китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тӯсӣ дар рушду ташаккули категорияҳои илмӣ-мантиқӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4. – С.191-196.

**16.** Сулаймонов Б.С. Таҳлили масоили назарияи бурҳон андар осори мантиқии Хоҷа Насируддини Тӯсӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4. – С. 33-40. (ҳаммуаллиф: Сайфуллаев Н.М.)

17. Сулаймонов Б.С. Тафаккури мантиқӣ ягона дастгоҳи инъикоскунандаи мафҳумҳои маърифатӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ. – Душанбе, 2024. – №1 (29). – С.109-116.

18. Сулаймонов Б.С. Шинохти иктисобии мақулаи ҳад ва моҳияти мантиқии он аз рӯйи китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тӯсӣ // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №1. – С. 138-143.

19. Сулаймонов Б.С. Предпосылки возникновения и развития логического мышления на средневековом Востоке // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №3. – С.86-91.

20. Сулаймонов Б.С. Маърифати мутақобилаи фалсафа ва илм аз нигоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тӯсӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №7. – С.116-121.

21. Сулаймонов Б.С. Назарияҳои асосноккунии маърифатӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №1. – С.124-130.

22. Сулаймонов Б.С. Ҷойгоҳи куллиёти панҷгона дар китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тӯсӣ ва нақши онҳо дар рушди малакаҳои фикрӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии

илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №4. – С. 70-77. (ҳаммуаллиф: Кенҷаева Л.Э.)

23. Сулаймонов Б.С. Субъективизм ва меъёрҳои моҳиятии аломатҳои асосии объектҳо дар таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тӯсӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №1. – С.151-157.

24. Сулаймонов Б.С. Усули шинохти қазияҳои мураккабу ҷиҳатӣ ва фарқияти онҳо дар таълимоти мантиқии Насируддини Тӯсӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣзерӣ. – Душанбе, 2025. – №1 (17). – С.37-44.

25. Сулаймонов Б.С. Қиёс ҳамчун шарти инъикоси фикр дар таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тӯсӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №1.С. 60-66.

26. Сулаймонов Б.С. Мафҳум ва моҳияти он ҳамчун раванди инъикоси маърифат дар низоми мантиқи муосир [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ. – Душанбе, 2025. – №1 (01). – С.184-191. (ҳаммуаллиф: Фозилов О.М.)

27. Сулаймонов Б.С. Таъсири афкори фалсафии Абунасри Форобӣ дар ташаккул ва рушди афкори фалсафаи асримиёнагии ғарбӣ [Матн] / Б.С. Сулаймонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №2.С. 159-166. (ҳаммуаллиф: Фозилов О.М.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табии Институти байналмилалии технологияи молия ва улуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон **Холмӯъминов Ҷаъфар Муҳамадиевич**. Тақриз мусбат буда, бо вуҷуди дастовардҳои қобили мулоҳизаи диссертант, дар автореферат баъзе нуқтаҳое ба назар мерасанд, ки онҳоро метавон ҳамчун тавсияҳои илмӣ пешниҳод намуд:

1. Бамаврид мебуд, агар диссертант дар баробари адабиёти аслӣ аз адабиёти даврони шуравиро бештар истифода мскард;

2. Дар автореферат, ки бо ду забон таҳия шудааст номҳои китобҳо - «Китаб-ул-қиёс» ва «Таҷрид-ул-мантиқ» фикр мекунам аз «Книга о силлогизме» ё «Абстракция в логике» беҳтар мебуд «Силлогизм» ва «Логическая абстракция» тарҷума мешуданд.

Масъалаҳои баҳсталаб ва пешниҳодҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба моҳияти илмии автореферата диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фанхои ҷамъиятшиносии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино **Азимзода Момоқиз.** Тақриз мусбат буда, бо вуҷуди ин, барон комилтар шудани матни автореферат, ду мулоҳизаро метавон зикр кард, ки ба муҳтаво таъсири ҳалкунанда намерасонанд:

1. Агар дар анҷоми автореферат як ҷадвал ё схемаҳои ҷамъбастии муқоисавӣ (масалан, дар бораи ҷойгоҳи мафҳум-қазия-қиёс-бурҳон дар низоми ҳар ду мутафаккир) илова мегардид, дастрасии натиҷаҳо барои доираи васеътари хонандагон боз ҳам осонтар мешуд;

2. Дар баъзе мавридҳо нишон додани ишораҳои библиографӣ бо дақиқияти бештар (сол, нашр, саҳифа барои чанд сарчашмаи калидӣ) метавонист арзиши иттилоотии авторефератро тақвият диҳад, ҳарчанд ин бештар хусусияти таҳрирӣ дорад.

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ **Амирхон Шоҳусейн.** Тақриз мусбат буда, бо вуҷуди ин, баъзе пешниҳодҳо дида мешаванд:

1. Агар диссертант таъсири таълимоти мантиқии мутафаккирони мавриди таҳлили худро ба рушди минбаъдаи мантиқ ва маърифатшиносӣ возеҳу муфассалтар баён менамуд, арзиши илмии автореферата диссертатсия боз ҳам баландтар мегашт;

2. Мубрамияти таҳқиқот ба таври муфассал таҳия гардида, таҳқиқталаб будани мавзуъ нишон дода шудааст, вале сархати охирони ин бахш бояд дар қисмати дигар (аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот) ҷойгир мегардид.

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Ибодов Маҳмадулло Орифович.** Бо вудуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар авторефератн диссертатсия баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Номи китобҳои “Эҳсо-ул-улум”, “Асос-ул-иқтибос” фаҳмо ва аллакай омавӣ шудаанд, вале хуб мешуд, ки дигар китобҳо чун “Алмусиқо ал-кибир”, “Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ” дар фишурдаи диссертатсия бо забони тоҷикӣ барои фаҳмо шуданашон тардума мешуданд.

2. Дар таҳқиқот хуб мешуд, ки зодгоҳ ва ҷойгоҳи илмии Форобӣ, ки имрӯзҳо баҳсбарангез аст, маълумоти дақику мушаххас оварда мешуд.

3. Диссертант дар саҳифаи 50 автореферат аз нигоҳи Форобӣ 4 навъи ақл - ақли ба қувва, ақли ба феъл, ақли мустафод, ақли фоилро пешниҳод кардааст. Албатта, ин хеле мавзуи ҳассос ва саривақтӣ аст, беҳтар мебуд агар онҳоро муфассалтар бо мисолҳо шарҳ медоданд.

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори шуъбаи таърихи фалсафаи ИФС ба номи А А. Баҳоваддинови АМ **Диноршоева Заррина**. Тақриз мусбат буда, бо вуҷуди ин, баъзе пешниҳодҳо дида мешаванд:

1. Агар масъалагузориҳо дар автореферат ва умуман диссертатсия ба самти иҷтимоӣ нигаронида мешуду таҳқиқ дар ин роҳ ба таври муфассалтар баррасӣ мегардид, натиҷаҳо пурратар мешуданд;

2. Дар тарҷумаи муқоисавӣ истилоҳоти тоҷикӣ дар шакли русӣ хеле зиёд оварда шуданд, хуб мешуд, ки ҳар мафҳум як маротиба оварда мешуд ва шакли руси истифода мешуд.

3. Дар матни автореферати диссертатсия баъзан хатогихои услубӣ дар ҷумлабандӣ ба назар мерасад.

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи миллии Узбекистон ба номи Мирзо Улуғбек « **Шермухамедова Нигина (бо забони руссӣ)**. Тақриз мусбат буда, бо вуҷуди ин, баъзе пешниҳодҳо дида мешаванд:

1. Было бы лучше, если автор диссертации рассматривал и анализировал только логические учения Абунасра Фараби и Насируддина Туси в сравнительно-сопоставительном ракурсе, тогда работа стала бы ещё более привлекательной.

2. Автореферат содержит грамматические и технические погрешности. Однако указанные недостатки существенно не влияют на содержание работы. На наш взгляд, диссертация Б.С. Сулаймонова «Логика и её методологическая роль в учениях Абунасра Фараби и Насируддина Туси» является самостоятельным, комплексным, логически завершенным исследованием, в котором на высоком научно-теоретическом и методологическом уровне обобщен и проанализирован накопленный материал по изучению логико-гносеологических и методологических концепциях Фараби и Насируддина Туси, что позволяет роль и место логики этих мыслителей в мировой философии и вносит весомый вклад в изучение истории логики и философии центрально-азиатских народов

**- аз ҷониби** доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи

Садриддин Айнӣ **Худойдодзода Фаррух.** Тақриз мусбат буда, бо вуҷуди он ки автореферати диссертатсия муваффақона анҷом ёфтааст, барои комилтар шудани матни он, ин мулоҳизаро метавон зикр кард, ки ба муҳтаво таъсири ҳалкунанда намерасонад: Муаллифи автореферат манобеи донишро, ки аз ҷониби Н.Тусӣ дар шонздаҳ навъ пешниҳод намудааст, овардааст, беҳтар мебуд барои дарки оммавии онҳо мисолҳо оварда мешуд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи "Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа дар сатҳи дахлдор навишта шуда, таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида мебошад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

**коркард карда шуд** (консепсияи илмӣ, ғояи нави илмӣ, ки консепсияи нави илмиро ғани мегардонанд) – таҳлили масоили мантиқӣ-маърифатие, ки дар онҳо мантиқ ва нақши методологии он ҳамчун воситаи асосии маърифати илмӣ ва модели бонизоми инъикоси воқеият асоснок карда шудааст

**методикаи нави таҷрибавӣ, ки қонуниятҳои сифатан нави падидаи таҳқиқшавандаро ошкор менамояд** – методи таҳлили контентӣ ва герменевтикаи фалсафӣ мавриди истифода қарор дода шудааст, то ба ин васила робитаи сохтории байни шаклҳои мантиқ ва шаклҳои маърифат имконият фароҳам оварда шуда, зимнан, роҳҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ муайян карда шаванд.

**афзудани сатҳи дақиқии андозаҳо бо васеъ кардани ҳудудҳои истифодашавии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғ. пешниҳод шудааст** – меъёрҳои мушаххаси мантиқие, ки бо тартиби муайян таҳлили моҳияти мафҳумҳо, истилоҳот ва категорияҳо, ки доираи татбиқии масоили мантиқӣ-маърифатиро васеъ карда, имкони истифодаи онро дар дигар таҳқиқот фароҳам меоварад.

**исбот шудааст** (имконияти дар оянда истифода шудани ғояҳои нав дар илм, дар истеҳсолот, мавҷудияти қонуниятҳо) – зарурати истифодаи модели категориявӣ ҳамчун асоси методологии таҳқиқоти муосири мантиқӣ ва маърифатӣ, ки ба воситаи қонун ва қоидаҳои мантиқӣ роҳҳои дурусти ташаккули тафаккури илмиро нишон медиҳад.

**ҷорӣ намудани** (мафҳумҳои нав, тағйирёбии ақидаҳои шарҳи мафҳумҳои куҳан, мафҳумҳои нав ва ғ.) – мафҳумҳои «мантиқ ва нақши методологии он», «сохтори мантиқӣ-маърифатии таълимот», «таносуби мафҳум, қазия ва қиёс», инчунин бознигарии илмии моҳияти мафҳумҳои мавҷудаи мантиқӣ. Бори аввал таҳқиқи категорияи "бурҳон" дар истеҳсолоти илмии муосир пешниҳод мешавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- асосҳои назариявии таҳқиқот консепсияҳо, назарияҳо ва қонуниятҳои илмӣ дар рушди афкори мантиқӣ ва маърифатӣ, ки заминаи методологӣ ва илмии таҳқиқотро ташкил медиҳанд, ба исбот расидаанд.

**- баён шудани** (мавқеъ, ғоя, далел, исбот, унсури назариявӣ, фарзия) дар бораи низоми масъалагузориҳои мантиқӣ-маърифатӣ ва барпо намудани воқеияти реалӣ дар шинохти ҳақиқат ва меъёрҳои он фарзияҳо пешниҳод гардида, бо далелҳои мантиқӣ асоснок гардидаанд .

**- ошкор гардиданд, масоили** ғунҷоиши назариявӣ ва функсионалии категорияҳои мантиқӣ – мафҳум, қазия, қиёс ва бурҳон дар фаҳмиши робитаи объективона ва субъективонаи маърифати илмӣ.

**- омӯхта шуданд** равандҳои таърихии ташаккули масоили мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, назарияҳои мантиқии пеш аз мелодӣ, асримиёнагӣ, ҳамчунин, равишҳои муосири мантиқӣ ва маърифатӣ.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ амалия,** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

**- муайян карда шуданд** (ҳудудҳо ва ояндаи истифодаи амалиявии назария дар истеҳсолот) – имкониятҳои истифодаи модели пешниҳодшуда дар таҳлили назарияҳои илмӣ, барномаҳои таълимии мантиқ, фалсафа, фалсафа ва методологияи илм̆ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии омӯзандагони баъдӣ.

**- офарида шуд** (амсилаи самаранокии истифодаи донишҳо, системаи тавсияҳои таҷрибавӣ ва ғ.) – системаи тавсияҳои амалии таҳлилӣ барои омӯзиши категорияҳои мантиқӣ ва татбиқи онҳо дар таҳқиқоти илмӣ ва раванди таълим.

**- муаррифӣ карда шуд** – (тавсияҳои методӣ, дастур барои фаъолияти дараҷаи баланд) барои истифодаи усули категориявӣ дар раванди дарсии мантиқу фалсафа, ки барои такмили тафаккури илмӣ мусоидат мекунад, тавсияҳои мушаххас пешниҳод гардиданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот бо маҷмуи омилҳои методологӣ, илмӣ-

назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок шудааст. Онҳо аз рӯйи риояи принсипҳои илмӣ, интихоби методологияи муосир, таҳлили амиқи сарчашмаҳо, такя ба заминаи назариявӣ ва тасдиқи натиҷаҳо тавассути фаъолияти амалии илмӣ муайян мегарданд. Интихоби модели илмии таҳқиқот, такя ба манбаъҳои аслӣ, таҳлили бонизом ва татбиқи равишҳои таърихӣ, муқоисавӣ, контекстуалӣ ва герменевтикӣ таъмин шудааст. Заминаи таҷрибавии таҳқиқот аз таҳлили мустақими осори аслӣ, муқоисаи мафҳумҳо, ҷудокунии категорияҳо, таснифоти истилоҳот ва ҷадвалбандии натиҷаҳои таҳлил иборат аст, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои амиқ ва боэътимод замина гузоштааст.

**- ғоя асоснок шудааст** (дар асоси таҳлили амалия, хулосаи таҷрибаи пешқадам) – дар шакли муқоисавии бонизом масоили мантиқию маърифатӣ ва масъалагузориҳои мантиқии замони муосир, тавассути таҳлили таҷрибаи таълимии мантиқ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

**- истифода шудаанд** (муқоисаи натиҷаҳои муаллифӣ ва натиҷаҳои бадастомада бо далелҳои дигари пешина) - сарчашмаҳои аслию бунёдӣ ва таҳқиқоти муосир, ки дурустии хулосаҳои бадастомадаи мантиқиро тақвият медиҳанд.

**- муайян шудаанд** (миқдоран ва ё сифатан мувофиқат кардани натиҷаҳои муаллифӣ бо....) - меъёрҳои сифатии мувофиқ ва самаранокии модели пешниҳодшуда бо натиҷаҳои таҳлилҳои классикӣ ва муосири мантиқӣ. Таълимоти мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ҳамчун сарчашмаи қобили эътибори таҳқиқоти муосир дар бахшҳои фалсафа, маориф, фарҳанг ва идоракунии иҷтимоӣ арзишманд боқӣ мемонад. Ин афкор, ки бар пояи ақл, таҷриба, таҳлил ва ахлоқи илмӣ устуворанд, метавонанд дар такмили фарҳанги маърифатӣ ва рушди ҷомеаи хирадгаро нақши муҳимми созанда дошта бошанд.

**- истифода шудаанд** (методикаи муосири ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои аввалия) – усулҳои таърихӣ-фалсафӣ, муқоисавӣ-таҳлилӣ, системавӣ, усули таҳлили мазмунӣ ва матншиносӣ, равиши герменевтикӣ равиши таҳлили интиқодӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- асоснок намудани аҳаммияти илмӣ ва фазои холии пажуҳишӣ дар доираи мантиқ ва таърихи фалсафа, интихоби мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» бо такя ба зарурати бознигарии илмии осори ин ду мутафаккири барҷаста ва арзёбии мақоми онҳо дар ташаккули фалсафаи замони муосир сурат гирифтааст;

- методологияи таҳқиқ ба таври мустақилона таҳия ва татбиқ гардида, сохтор ва шеваҳои таҳлили илмӣ ба хусусиятҳои мавзуъ мутобиқ ва дар доираи усулҳои муосири таҳлили матнҳои мантиқӣ ва фалсафӣ ба роҳ монда шудааст;

- консепсияи илмии таҳқиқот аз ҷониби довталаб таҳия шуда, ба таври мантиқӣ асоснок ва бо далелҳои илмӣ тасдиқ шудааст. Дар кори таҳқиқотӣ таҳияи консепсияи илмӣ таҳлили бонизоми мантиқ, маърифат ва сохторҳои истидлол дар низоми фалсафаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ анҷом ёфта, натиҷаҳои боэътимод пешниҳод гардидаанд;

- навовариҳои илмии таҳқиқот, ки аз таҳлили муқоисавии асосҳои мантиқӣ ва назарияи далеловарӣ, фаҳмиши забонӣ ва мафҳумии мантиқ, ҷанбаҳои маърифатии андешаи фалсафӣ ва истифодаи равишҳои таҳлилӣ бармеояд, пурра натиҷаи коркарди шахсӣ дониста мешаванд. Хулосаҳо бошанд, пешниҳоди усули таҳлили маърифат вобаста ба методологияи мантиқ ва истифодаи мафҳумҳои классикӣ дар заминаи методологияи муосир аз навгониҳои муҳимми таҳқиқот ба ҳисоб мераванд.

Дар маҷлиси 02-юми апрели соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Саид Н.С.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ.**